ТАҚРИЗ

ба диссертатсияи Шодиев Рустамхон Азизуллоевич дар мавзуи " Пажуҳиши этнолингвистии гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб (таҳқиқи таърихӣ ва ҳамзамонӣ), ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст.

Маълум аст, ки гӯйишҳои забони тоҷикӣ то ҳол дар заминаи усулҳои забоншиносии анъанавӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифта шуда, оид ба масъалаҳои диалектологияи тоҷик осори зиёди илмӣ таълиф ёфтааст ва ин шохаи илми забоншиносии тоҷик таърихи беш аз садсола дорад.Масъалаи таснифи лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ коркард шуда, дар забоншиносии тоҷик асосҳои он қабул гардидаанд. Шеваю лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ аз рӯйи умдатарин вижагиҳои савтӣ ва дастурӣ ба чор гуруҳ (шимолӣ, марказӣ,ҷанубӣ, ҷануби шаркӣ) ҷудо шудаанд, ки ин тасниф дар омӯзиши гӯйишҳои гуногуни забони тоҷикӣ истифода бурда мешавад ва дар тули беш аз 60 сол осори зиёди лаҳҷашиносӣ ба сурати монография, диссертатсияҳои номзадӣ ва докторӣ, мақолаҳои илмӣ интишор ёфтаанд. Дар баробари ин масъалаҳои зиёде ҳоло дар лаҳҷашиносии тоҷик интизори омӯзишу пажуҳиши амиқ мебошанд. Аз ҷумла, масъалаҳои марбут ба лаҳҷашиносии таърихӣ ва муқоисавӣ, равобити таърихию забонии гӯйишҳои забони тоҷикӣ бо соири забонҳои эронии Тоҷикистон (забонҳои помирӣ ва яғнобӣ), таҳқиқи муқоисавии гуйишҳои забони тоҷикӣ ва гуйишҳои забони дарии Афғонистон, пажуҳишҳои этнолингвистӣ ва когнивистии гуйишҳои тоҷикӣ, равобити лингвистии лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ бо забони адабиёти классикӣ, таъсири субстрат ва адестрат дар ташаккули гӯйишҳои алоҳидаи тоҷикӣ ва мавзуҳои дигар то ҳол дар асоси усулу равияҳои нави забоншиносӣ мавриди таҳқиқи густурда ва аниқ қарор нагирифтаанд. Аз ин рӯ, дисертатсияи мазкур, ки ба таҳқиқи этнолингвистии гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб бахшида шудааст, дар лаҳҷашиносии тоҷик мавзуи мубрам буда, таҳқиқи амиқи он дорои аҳамияти назариявию амалӣ мебошад. Маълум аст, ки

этнолингвистика равияи нави забошиносӣ буда дорои асосҳои назариявӣ ва мактабҳои гуногун мебошад. Нуктаи усулӣ ва умдаи этнолингвистика инъикоси вижагиҳои фарҳанги мардум дар забони ӯ мебошад. Аз як тараф, забон чӣ гуна дар инкишофу тағйири фарҳанги мардум нақш гузоштааст, аз тарафи дигар фарҳанг чӣ накше дар таҳаввулу рушди забон доштааст. Ин ду усули муҳим дар пажуҳишхои этнолингвистӣ нақши умда доранд ва вижагиҳои забони ҳар як халкро инъикос мекунанд. Пажуҳиши этнолингвистии гӯйишҳои маҳаллӣ дар самти муайян намудани ташаккули гуйиши минтақаи алоҳида ва мардуми сокини минтақаи алоҳида, робитаи фарҳангии он мардум бо ҳамсояҳои дуру наздик равшанӣ меандозад. Ба сифати объекти таҳқиқ интихоб намудани гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб, ки яке аз манотиқи калони густариши шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ маҳсуб мегардад, ба ҳадафи таҳқиқ мувофиқ мебошад. Зеро гӯйиши минтақаи мазкур аз назари ареалӣ бутун (компактный) буда, ба таъсири омилҳои берунӣ камтар дучор шудааст. Дар замина бояд ёдовар шуд, ки диссертант осори назариявии забоншиносии умумиро оид ба этнолингвистика омӯхта, кӯшиш ба харҷ додааст, ки онро дар кори худ, дар асоси маводи гӯйишҳои мазкур татбиқ намояд. Таҳқиқи таърихии гӯйиши мазкур ичунин метавонад ба равшан намудани макони пайдоиши забони тоҷикӣ мусоидат намояд ва дар собит намудани назарияҳои марбути ин масъала кумак мерасонад. Лозим ба ёдоварӣ аст, ки яке аз бобҳои диссертатсия ба таҳқиқи этнолингвистии фолклори Кӯлоб бахшида шудааст ва ин иқдоми диссертант лоиқи дастгирист, зеро дар фолклор вижагиҳои забону фарҳанги халқ бештар инъикос меёбад ва барои пажуҳиши этнолингвистӣ маводи фаровон медиҳад. Сохтори диссертатсия вобаста ба ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ тарҳрезӣ гардида, масъалаҳое дар бар гирифтааст, ки ҳалли онҳо дар рисола амалӣ гардидааст. Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Дар ҳар як боби диссертатсия масъалаҳои назариявӣ дар ҳамбастагӣ бо пажуҳишҳои амалӣ баррасӣ гардидааст. Муаллиф осори зиёди назариявиро оид этнолингвистика мутолиа

намуда, дар заминаи гӯйишҳои минтақа татбиқ намудааст. Дар мактабҳои гуногуни забоншиносӣ этнолингвистика бо назарияҳои нав такмил ёфтааст, ки ҳар кадоме аз ин назарияхо вазифа ва ҳадафҳои муайянро ба миён мегузорад. Ин масъала дар диссертатсия ба қадре мавриди таҳлил қарор гирифтааст.Дар шаш фасли боби аввал диссертант кӯшиш ба харҷ додааст, ки баробари баррасии масоили назариявӣ, роҳҳои таҳқиқи этнолингвистии гӯйишҳои забони тоҷикиро муайян намояд, вазъи забонҳои эрониро аз назари этнолингвистӣ ба қалам дода, манотиқи густариши падидаҳои забони адабӣ ва омилҳои инкишофи он дар сатҳи байналмилалӣ муайян карда шудаанд. Дар боби мазкур инчунин диссертант кӯшиш кардааст, ки мафҳуми регионлектро равшан созад. Вале андешаҳои диссертант бештар дар асоси регионлекти шеваҳои забони русӣ маҳдуд гардида дар мисоли лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ масъалаи мазкур пурра таҳлил нашудааст.Дар зимн бояд ёдовар шуд, ки дар забоншиносӣ ду масъалаи бо ҳам алоқаманд низ баррасӣ мешаванд, ки бо номи гӯйишҳои минтақавии ин ё он забон ва гӯйишҳои қавмӣ (этникӣ) - и забони алоҳида ёд мешаванд ва дар мисоли забони тоҷикӣ ин масъала омӯхта нашудааст. Аз тарафи дигар, лексика ва топонимияи минтақавиро метавон баркарор намуд, ки он ареали забонҳои помирӣ ва лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикиро дар бар мегирад ва он барои далелҳои таърихию этнолингвистӣ маводи фаровон медиҳад. Дар фасли этногенез ва таърихи этникӣ – объекти муҳимми этнолингвистика масъалаи дар такя ба далелҳои ономастикӣ баррасӣ намудани пайдоиши қавм ва макони буду боши он аз назари ҷуғрофияи таърихӣ тахлил шудааст. Дар баррасии масъалаи ҷудо шудани шохаи алоҳидаи забонҳои эронӣ аз ҳиндуориёӣ махсусан ба далелҳои “Авасто “ ва дигар сарчашмаҳои хаттӣ такя карда шудааст, ки то андозае хулосаю натиҷагириҳои муаллифро боварибахш намудаанд.

Масъалаи муҳимме, ки дар боби дуюми диссертатсия мавриди пажуҳиш карор дода шудааст, пажуҳиши минтақаи Кӯлоб аз нигоҳи забоншиносии таърихӣ мебошад. Муаллифи диссертатсия кӯшиш ба харҷ додааст, ки вазъи

таърихии ин мантиқаро дар давраи бостонии рушди забонҳои эронӣ дар асоси таҳқиқоти мавҷуда ва маъхазҳои хаттӣ нишон дода, далелҳои бостонии фарҳангию забонии бозмонда дар ин минтақа ва атрофи онро чун далелҳо ба қалам диҳад.

Дар фасли дуюми боби дуюм мавзуи вазъи таърихӣ ва ҷуғрофии минтақа дар давраи миёнаи рушди забонҳои эронӣ аз назари ҷуғрофӣ ва таърихию забонӣ баррасӣ шудааст. Диссертант дар заминаи маъхазҳои таърихӣ ва илмӣ ба вазъи таърихии минтақа равшанӣ андохта, махсусан, густариши забони бохтариро дар минтақа таъкид мекунад. Баъзе хусусиятҳои забони бохтарӣ нишон дода мешавад ва мавҷудияти дигар забонҳо низ дар минтақа таъкид карда мешавад. Дар фасли сеюми боби дуюм диссертант зикр мекунад: "Дар остонаи ҳамлаи араб забони бохтарии Тахористон, ки гӯйишҳои хатлонӣ ба он ворид буданд, оҳиста - оҳиста шакли худро дигар карда, ба гӯйишҳои дарӣ - тоҷикӣ омезиш ёфт, ки асоси забони тоҷикиро ташкил доданд." Хуб мешуд, агар хулосаи мазкурро диссертант бо далелҳои забонӣ таҳвият мебахшид.

Дар омӯзиши таърихи забону гӯйишҳои минтақа маводи хеле ҷолиб ва муътамад номҳои ҷуғрофӣ (топонимия) мебошанд, ки дар пажуҳишҳои этнолингвистӣ низ мавриди истифодаи васеъ қарор мегиранд. Бинобар ин бахшида шудани боби сеюм ба масъалаи мазкур як амри зарурист ва мантиқист. Зеро номвожаҳо маъхазҳои муҳимме дар омӯзиши таърихи лаҳҷаҳо маҳсуб меёбанд. Топонимияи Хатлон мисли низоми топонимии манотиқи дигари Осиёи Миёна дорои қабатҳои гуногуни забонӣ буда, равобити забонии мардуми гуногунро инъикос мекунад. Аз як тараф низоми топонимӣ номҳои марбути забонҳои эрониро дар бар мегирад, аз тарафи дигар номҳое, ки ба забонҳои гуногун иртибот доранд, ба мушоҳида мерасанд. Топонимияи таърихии минтақа дар осори зиёди бостонии эронӣ, юнонӣ, чинӣ ва даврони исломӣ ба забонҳои арабӣ ва форсӣ инъикос ёфтааст. Маҳз диссертант низ ҳамин ҷиҳати масъаларо дар бар гирифта, инъкоси номҳоро дар маъхазҳои хаттӣ аз назари хронологӣ, шакли овоӣ,

тарзи навишт таҳлил кардааст. Дар ин замина муаллиф сарчашмаҳои арабӣ ва чиниро алоҳида таҳлил карда, оид ба тағйири шакли номҳо мулоҳизаҳои ҷолиб баён мекунад. Дар асоси таҳқиқоти анҷомшуда оид ба номҳои Хатлон,Фархор, Кӯлоб, Данғара, Кангурт, Вахш ва амсоли ин маълумоти муфассал оварда шуда, мулоҳизаҳои тоза дар бораи таърихи пайдоиш, маъно, тағйири шаклу маъно баён карда шудаанд.

Дар баробари ин фасли алоҳида ба таҳлилу таҳқиқи номҳои кунуни ҷуғрофии минтақаи Кӯлоб бахшида шудааст ва дар баъзе маридҳо мансубияти забонии онҳо равшан карда шудааст.

Дар фасли шашуми боби сеюм оид ба номҳои субстратии минтақаи Кӯлоб маълумот дода шуда, манбаи забонӣ ва маънои бархе аз инҳо муайян карда мешавад. Махсусан,ба шакли фонетикии номҳо эътибор дода мешавад. Оид ба маншаи пайдоиши ҳамсадои L(л), ки дар номҳо фаровон ба кор бурда шудааст, мулоҳизао баён мегарданд. Бояд зикр кард, ки дар асоси фактҳои забонҳои шарқии эронӣ ин ҳамсадо чанд сарчашмаи пайдоиш дошта, дар номҳои ҷуғрофӣ низ мавқеи муайян дорад ва решашиносии амиқи номҳо имконият медиҳад, ки этимология аниқ муайян карда шавад. Барасии амиқи масъалаи мазкур имконият медиҳад, ки забони дар ин минтақа густаришёфтаи давраи миёнаро муайян намоем, ки он забонҳои шаркии эронӣ буд ё аз забонҳои дигари эронӣ ё ғайриэронӣ.

Бдби чоруми диссертатсия ба таҳқиқи таърихӣ ва забоншиносии вожаҳои хоси гӯйишҳои Кӯлоб бахшида шудааст. Диссертант дар ин боб дар асоси далелҳои таърихӣ дар гӯйишҳои минтақа боқӣ мондани луғатҳои куҳани порсии дариро таъкид мекунад. Дар осори қадимаи матнҳои забони дарӣ ё порсии нав вожаҳое врмехӯранд, ки дар гуйишҳои митақаи мазкур ба кор бурда мешаванд. Пажӯҳиши мукамали лексикаи лаҳҷаҳои Кӯлоб барои омӯзиши давраи аввали инкишофи забони адабии тоҷикӣ аҳамияти калон дорад. Бояд ёдовар шуд, ки боби мазкур аз фаслҳои пажуҳиши синхронӣ, таҳқиқи мавзӯӣ ва вожгонии лексикаи хоси гӯйишҳои мазкур иборат буда, ҳар кадоме аз ин фаслҳо мавзуи таҳқиқи худро доранд. Вале хуб мешуд, дар

ин боб ба пажуҳиши этнолингвистии лексикаи гӯйишҳои Кӯлоб таваҷҷуҳи бештаре равона карда мешуд. Зеро аз ин нигоҳ лексикаи лаҳҷаи ҷанубӣ то ҳол омӯхта нашудааст. Дар лексикаи гӯйишҳои ин минтақа фарҳанги мардум ба таври густурда инъикос ёфтааст.

Сазовори таҳсин аст, ки боби охири диссертатсия ба таҳқиқи этнолингвитстии фолклори Кӯлоб бахшида шудааст. Дар фолклор фарҳанги мардумӣ инъикос ёфта тавассути воҳидҳои забонии халқӣ ифода меёбад. Аз ин рӯ, таҳқиқи забони фолклор барои омӯзиши вижагиҳои гӯйишҳо аз аҳамият холӣ нест ва дар таҳқиқоти этнолингвистӣ истифодаи васеъ дорад. Боби мазкур аз бахшҳои таҳлили этнолингвистии фолклор, робитаи этнолингвистика бо фолклор, зарурати таҳқиқи забонии фолклори Кӯлоб, вижагиҳои этнолингвистии фолклори Кӯлоб иборат буда, оид ба ҷиҳатҳои умдаи забони фолклор ва инъикоси масоили этнолингвистӣ дар он маълумот дода шудааст. Диссертатсия тибқи қоидаи маъмул бо натиҷагириҳо аз таҳқиқот ба поён мерасад ва муаллиф хулосаҳои худро оид ба натиҷаҳои пажуҳиш пешниҳод менамояд.

Диссертатсияи Шодиев Р.А.«Пажуҳиши этнолингвистии гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб (таҳқиқи таърихӣ ва ҳамзамонӣ)" таҳқиқоти навест оид ба яке аз масъалаҳои омӯхтанашудаи лаҳҷашиносии тоҷик, зеро дар ин самт то ҳол пажуҳишҳои мукуммале анҷом наёфтаанд, Иқдомоти муаллиф дар ин самт аз аввалин пажӯҳишҳо маҳсуб меёбад. Таҳқиқоти этнолингвистии яке аз гӯйишҳои ҷануби забони тоқикӣ на танҳо барои лаҳҷашиносии таърихии забони тоҷикӣ аҳамияти калони назариявию амалӣ дорад, балки барои такмилу таҳқиқи масъалаҳои назариявии забони адабии имрӯза низ муфид арзёбӣ мегардад.

Дар баробари дастовардҳои диссертант метавон чанде аз масъалаҳои баҳсталаб ва камбудиҳои диссетатсияро қайд кард.

1 Дар забоншиносӣ мафҳумҳои лаҳҷаҳои минтақавӣ ва этникӣ (қавмӣ) - ро низ ба кор мебаранд. Таҳти мафҳуми лаҳҷаҳои минтақавии забони тоҷикӣ гӯйишҳои аслӣ дар назар дошта мешаванд. Гӯйишҳо қавмӣ гӯйишҳоеро дар

бар мегиранд, ки забони тоҷикӣ аз тарафи соҳибони забонҳои дигар истифода бурда мешавад, масалан халҳхо туркзабоне, ки байни тоҷикзабонхо зиндагӣ мекунанд ва гӯйиш ё лаҳҷаи алоҳидаи забони тоҷикиро истифода мебаранд. Ин масъала низ масъалаи ҷолиби этнолингвистика мебошад, ки аз назари диссертант дур мондааст.

2. Дар ҷо ба ҷо гузории фаслҳои баъзе бобҳо тартиби мантиқӣ то андозае ба эътибор гирифта нашудааст. Масалан, ба назари мо дар боби аввал фасли шашум бояд дар аввал, баъд аз он фасли сеюм, баъд аз он фасли чорум, бади он фасли панҷум ва дар охир фасли дуюм меомад.

3. Дар бобҳои чорум ва панҷум таҳқиқоти этнолингвистӣ камтар ба мушоҳида расида, умдатан мисолҳои забонӣ ва матнҳо оварда шуда таҳлили этнолингвистӣ тибқи усул ва назарияҳои этнолингвистикаи муосир хира ба назар мерасад.

4. Дар баъзе мавридҳо шарҳу тафсири номвожаҳои маъруф аз осори дигари илмӣ оварда мешавад, ки ба назари мо зиёдатианд.

5. Дар овонавишти лотинии вожаҳо ва номвожаҳо ғалатҳои техникӣ ба назар мерасанд. (с.134,135.151, ва ғ.).

Ёдоварӣ намудан ба маврид аст, ки мулоҳизаҳои баёнгардида ба ҳеч ваҷҳ арзишии илмии диссертатсияи мазкурро коҳиш намедиҳанд. Таҳқиқоти Шодиев Р.А - як кори мукаммали илмӣ буда, дорои арзиши баланди назариявию амалӣ мебошад ва дар забоншиносии тоҷик дастоварди намоён ба ҳисоб меравад. Мавзуи асар мубрам буда ба шиносномаи ихтисосҳои илмӣ пурра мутобиқат мекунад. Диссертатсия дар асоси омӯзиши осори зиёди забоншиносию таърихӣ таълиф ёфта, заминаи қавии назариявӣ дорад.

Диссертатсияи Шодиев Рустамхон Азизуллоевич дар мавзуи «Пажуҳиши этнолингвистии гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб (таҳқиқи таърихӣ ва ҳамзамонӣ)"дар сатҳи баланди илмиву назариявӣ иҷро шуда, дар таҳқиқи масъалаҳои этнолингвистии забони тоҷикӣ аз ҷумлаи нахустин таҳқиқоти мукаммал ба ҳисоб меравад.Маводи диссертатсия дар пажуҳишҳои минбаъда ва таҳияи асарҳои илмӣ дар мавзуи этнолингвистикаи забони тоҷикӣ чун

сарчашмаи боэътимоде хизмат карда метавонад. Фишурда ва асару маколаҳои нашршудаи диссертант муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамоянд. Бо боварӣ метавон гуфт, ки диссертатсияи Шодиев Рустамхон Азизуллоевич дар мавзӯи «Пажуҳиши этнолингвистии гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб (таҳкики таърихӣ ва ҳамзамонӣ)" ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Шодиев Рустамхон Азизуллоевич ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯи ихтисоси 10.02.01.- Забони тоҷикӣ шоиста аст.

Мукарризи расмии дуюм

Доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи
давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев Офаридаев Назрӣ

Имзои профессор Офаридаев Назриро
тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсуси Донишгоҳ Саидраҳмонов Н.

Суроғa: 736000 Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Хоруғ, к. Шотемур,109, Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи
М. Назаршоев **KSU.khogu@mail.ru** **Тел.: 939314032**

15.01.2023.